ПРОТОКОЛИ № 14

маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-092

аз 12 июни соли 2025 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
аз 16 нафар аъзои шуро __13_ нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2025, № 64/шд тасдиқгардида _13__ нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравäнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи "Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гуруҳӣ дар таърихи фалсафа", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа

## ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ Содиқӣ Н.Н ва аъзои комиссия Маҳмадҷонова М.Т. Зиёев И.Ғ оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи "Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гуруҳӣ дар таърихи фалсафа", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа ибрози андеша намуда, пешниҳод карданд, ки диссертатсияи мазкур бо номи "Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносӣ дар фалсафаи даврàи муосир" иваз карда шуда, баъдан барои ҳимоя кардан қабул карда шавад.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи "Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гуруҳӣ дар таърихи фалсафа", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда.

## ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Болтаева Мунира Негматовна дар мавзуи "Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи худшиносии фардӣ ва гуруҳӣ дар таърихи фалсафа", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 -Таърихи фалсафа бо номи "Ҷанбаҳои консептуалии масъалаи

худшиносӣ дар фалсафаи давраи муосир" иваз карда шуда, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович - доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ;

- Бердиев Шоҳназар Пирназарович – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 28 августи 2025, соати $14^{00}$ муқаррар карда шавад.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Саид Н.С.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои фалсафа Ҳаитов Ф.Қ.